# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович таҳти унвони «Хусусиятҳои луғавӣ-грамматикии феъл дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ», пешниҳодшуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ. Душанбе, 2019. 50 с.**

Омӯзиши хусусиятҳои забонии осори замони салтанати Сомониён ҳамчун оғози давраи нави ташаккули таърихии забони форсӣ-тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик аҳаммияти барҷаста дорад. “Таърихи Бухоро” яке аз сарчашмаҳои маҳфузмондаест, ки ифодагари ҷараёни ташаккули забони адабии тоҷикӣ мебошад.

Диссертатсияи таҳқиқотии Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович ба тавзеҳи масъалаҳои феъл дар мисоли матни форсии «Таърихи Бухоро»-и Абубакри Наршахӣ пардохта шудааст. Дар рисола ва автореферат қайд мегардад, ки асари Абӯбакри Наршахӣ бори аввал аз нигоҳи забоншиносӣ таҳқиқ мегардад. Биноан, муаллиф кӯшидааст, ки ба хусусиятҳои забонии онро дар мисоли феъл ҳамаҷониба таҳлил намояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст. Дар бахши муқаддимаи кор доир ба аҳаммияти мавзӯи таҳқиқшаванда, маводи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши масъала, навгонии илмӣ, ҳадафи таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияву равиши таҳқиқ маълумот оварда шудааст.

Дар автореферати диссертатсия мухтасаран доир ба дараҷаи истифодаи феъл, хусусиётҳои феълҳои серистеъмол ва камистеъмол, тағйиротҳои луғавӣ ва грамматикии дар давраи нави ташаккули забони тоҷикӣ баамаломада ва масоили назариявии алоқаманд ба феъл аз мисолҳои “Таърихи Бухоро”, ки дар боби аввали рисола  диссертатсия матраҳ гардидаанд, маълумотҳои муфид оварда шудааст. Дар боби дувуми кор ҳама вандҳои шаклсоз ва

калимасози феълии забони тоҷикӣ, ки баъзе аз онҳо дар замони муосир аз истифода баромадаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби севуми диссертатсия - "Хусусиятҳои грамматикии феълҳо дар "Таърихи Бухоро"-и Наршахӣ" масъалаҳои тасрифи феъл, асосҳои феъл ва сиғаҳои феъл матраҳ гардида, таҳлилу баррасӣ шудаанд. Пас аз натиҷагирӣ, ҳашт номгӯи мақолаҳои муаллиф, ки дар робита ба мавзӯи таҳқиқшуда дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА нашр шудаанд, оварда шудааст, ки хеле ҷолибанд ва яке аз аломатҳои муваффақияти муаллиф дар самти омӯзиши феъл ва таҳқиқи забоншиносии "Таърихи Бухоро" мебошад.

Бояд гуфт, ки дар баробари ин ҳама муваффақят баъзе нуқсонҳо аз қабили дар нохунак наовардани иқтибос (с. 9...), камбудии имлоӣ ва услубӣ (с. 12...) ва дар қатори онҳое, ки дар робита ба таҳқиқи феъл навиштае доранд, зикр нашудани номи Мирзоев Сайфиддин ба назар мерасад. Новобаста аз ин эродҳо мавъзӯъ хуб ҳаллу фасл шуда, рисоланавис ба ҳадафи дарназаргирифтааш расидааст.

Мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсияи Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович баёнгари он аст, ки дар диссератсияи мазкур мавзӯъ пурра ҳаллу фасли худро ёфта ва ҷавобгӯ ба талаботҳои КОА-и ҶТ аст ва муаллиф сазовор ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи тахассуси 10.02.01 – забони тоҷикӣ мебошад.

Ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти
ба номи Абӯабдулло Рӯдакии
АИ ҶТ, номзади илми филология Тӯраев Бурҳониддин
Тел.: 935223800

Имзои Тӯраев Бурҳониддинро тасдиқ менамоям:

Сардори Шуъбаи кадрҳо: Ибрагимова Зулайхо